**САРДОРИ ХАДАМОТИ НАЗОРАТИ ДАВЛАТӢ ДАР СОҲАИ МЕҲНАТ, МУҲОҶИРАТ ВА ШУҒЛИ АҲОЛӢ**

**ФАРМОИШ**

№ 34-ЯК аз «3» август соли 2023

Дар бораи эълон намудани озмун барои ишғоли
мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ

Мутобиқи моддаи 18 (озмун барои ишғоли мансаби холии маъмурии хизмати давлатӣ) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 марти соли 2016, №647 «Оид ба Низомнома дар бораи тартиби гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ»,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Дар дастгоҳи марказии Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ ва раёсати Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ дар вилояти Суғд барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатии зерин озмун эълон карда шавад:

- мудири бахши баҳисобгирии муҳосибавӣ ва банақшагирӣ;
- мудири бахши умумӣ ва хоҷагидорӣ;
- сармутахассиси шуъбаи назорати давлатӣ дар соҳаи шуғли аҳолӣ;
- мутахассиси пешбари Раёсати Хадамот дар вилояти Суғд.

2. Бахши кадрҳо ва корҳои махсус интишори эълонро барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатии болозикр дар рӯзномаҳои «Ҷумҳурият», “Шуғл ва муҳоҷират” ва сомонаи Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ www.nozirot.tj таъмин намояд.

3. Аз Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш карда мешавад, ки баҳри интишори эълон барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатии замимагардида мусоидат намоянд.

4. Назорати иҷрои фармоиши мазкурро ба зиммаи худ мегузорам.

Сардори Хадамот С. Маҳмадзода